**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ »**

Директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ профессор

________________Убайдулло Н.К.

19.02.2021

# ХУЛОСАИ

## Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ Тоҷикистон

Диссертатсияи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ дар Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар рафти пажӯҳиши мавзӯи рисола Абдулов Зиёдулло Назарович унвонҷӯйи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониш ба шумор мерафт.

Абдулов Зиёдулло Назарович соли 1996 Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон ва соли 2012 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси омӯзгори фанни таърих хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ номзади илми таърих Азимова Бозоргул Тағоевна ба ҳайси дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мушовири илмӣ доктори илмҳои таърих, профессор Н.К.Убайдуллоҳ директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ Тоҷикистон мебошад.

Рисола дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ Тоҷикистон 17 феврали соли 2021 (протоколи №2) баррасӣ шуда, аз он хулосаи зерин ҳосил гардид:

**Муҳим будани мавзӯи таҳқиқот.** Дар замони истиқлолият имконоти фаровоне фароҳам омад, то таърихи мардумони Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ҳамсоя ба таври густурда ба риштаи таҳқиқ кашида шавад. Осори хаттии зиёде, ки дорои ахбори гаронбаҳо аз таърих, иқтисод, одоту фарҳанги халқҳову кишварҳо ҳастанд, имрӯз бе монеа дар ихтиёри пажӯҳишгарон қарор доранд. Иттилоот ва матолиби ҳамаи ин манобеъ то ҳанӯз ба тарзи кофӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтаанд. Яке аз чунин рисолаҳои таърихӣ асари «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонист, ки аз манобеи арзишманди даврони ҳукумати хонадони манғит дар аморати Бухоро маҳсуб мешавад. Аз он ҷо, ки муаллиф дар хидмати амир Музаффар (1860-1885) буд ва вазифаи воқеанигори расмии сипоҳи Бухороро дошт, аз наздик бисёре аз вақоеи даврони ҳукумати амир Музаффар, мисли ҷангҳои амир Музаффар бо ҳокимони Шаҳрисабз ва Русияро аз наздик мушоҳида кардааст. Аз ин рӯ ин асар доир ба даврони ҳукмронии амир Музаффар иттилооти муҳим ва пурқиматеро ба муҳаққиқон дода, аз манобеи хаттии дасти аввали ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIX ба шумор меравад. Ҳамчунин муҳим будани мавзӯи мавриди пажӯҳиш боз дар он аст, ки муаллиф бинобар мавқеи иҷтимоии худ ба ҳама гуна маводи расмӣ ва ғайрирасмӣ шиносоӣ дошт ва онҳоро дар рисолаи хеш истифода намудааст.

**Иштироки шахсии унвонҷӯй дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст**. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯй буда, дар натиҷаи омӯзиши асари мавриди таҳқиқ ва осори илмии марбут ба ин мавзӯъ аз ҷониби муаллиф хулосаҳои илмӣ баён шуда, кокарди назариявию методологӣ мустақилона иҷро гардида,

дар рафти таҳқиқ ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда дар диссертатсия муваффақона анҷом ёфтаанд.

**Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Рисола бо методҳои умумии таърихнигорӣ ва махсусан татбиқӣ-муқоисавӣ, ки дар он шабоҳат ва тафовути масоили таҳқиқ муайян мешаванд, навишта шудааст.

Ба сифати заминаи иттилоотӣ аз асари Мирзо Абдулазими Сомӣ «Туҳфаи шоҳӣ», сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ истифода гардидаанд.

**Мақсади асосии таҳқиқот** баррасии ҳамаҷонибаи асари Мирзо Абдулазими Сомӣ «Тухфаи шоҳӣ» ва ба илми таърихнигорӣ ворид намудани маводҳои тозаёфт роҷеъ ба масоили сиёсии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри нуздаҳум, ҳамчунин инъикоси шарҳи ҳол ва осори дигари илмию адабии муаллиф мебошад.

**Навигариҳои илмии таҳқиқот дар нукоти зерин хулоса мешаванд:**

1. Бори аввал дар илми таърихи ватанӣ зиндагиномаи Мирзо Абдулазими Сомӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

2. Асари Мирзо Абдулазими Сомӣ «Туҳфаи шоҳӣ» таҳлилу таҳқиқ шуда, бо такя ба маълумоти Сомӣ вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони Аштархониёни нимаи аввали асри XYIII тавсиф ёфтааст;

3. Таърихи лашкаркашии амирони манғит дар хориҷи аморати Бухорои охири асри XYIII-нимаи аввали асри XIX инъикос гардидааст;

4. Вазъи аморат дар замони ҳукумати амир Музаффар баррасӣ шудааст;

5. Таърихи истилои ҳукумати подшоҳии рус ва вуруди қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳии Рус ба сарзамини Осиёи Миёна мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот**. Сарчашмаи асосии таҳқиқоти мавзӯъро омӯзиши ҳамаҷонибаи асари Мирзо Абдулазими Сомии Бухороӣ «Туҳфаи шоҳӣ» ташкил медиҳад. «Туҳфаи шоҳӣ»-ро Сомӣ солҳои 1317-1320 ҳ.(1898\9-1902\3) навиштааст, ки дар он зикри ҳаводис аз охири асри XYII, аз ҳукмронии Субҳонқулихон (1680-1702) оғоз ёфта, то 14 соли ҳукмронии амир Абдулаҳад (солҳои 1898-1899)-ро фаро мегирад.

Пиромуни дастхатҳо, нусхаҳо ва нашри «Туҳфаи шоҳӣ» метавон гуфт, ки дар Маркази мероси хаттии АМИ Тоҷикистон ин асар таҳти № 786 нигаҳдорӣ мешавад. Рақамгузории саҳифаҳои асар аз адади 133 оғоз ёфта, ба рақами 156 итмом меёбад.

Дар китоби "Маҷмӯаи нусхаҳои хаттии форсии Фарҳангистони улуми ҷумҳурии Ӯзбекистон" ду нусха аз китоби «Туҳфаи шоҳӣ» нигаҳдорӣ мешаванд. Нусхаи аввал бо таърихи китобати 1326-и ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1908 таҳти рақами 1458/2, ба хатти Мирзо Абдулвоҳид ва дигаре таҳти рақами 2091, соли китобат 1368, дар 298 варақ мебошад. «Туҳфаи шоҳӣ»-и Абдулазими Сомӣ аз дебоча ва 72 қисматҳои хурду калон иборат аст.

Маълумоти таърихии «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ дар рафти таҳқиқи мавзӯъ бо дигар манобеи таърихӣ ва осори ҳамзамонони ӯ муқоиса шуда, воқеияти онҳо муайян гардид. Чун «Туҳфаи шоҳӣ» ҳаводиси асрҳои пешинро низ фаро гирифтааст, барои унвонҷӯй зарурат пеш омад, то аз рисолаҳое мисли "Таърихи Муқимхонӣ", "Убайдуллоҳнома", "Таърихи Абулфайзхон", "Ҷаҳонкушои Нодирӣ", "Оламорои Нодирӣ" ва ғайраҳо, ки ҳамзамони муаллиф нестанд, истифода гарданд. Аз ҷумла дар асари Муҳаммад Юсуфи Муншӣ "Таърихи Муқимхонӣ" доир ба муносибатҳои душманонаи Бухоро ва Балх, мубориза мусаллаҳона миёни онҳо барои Тирмиз, Ҳисор ва дигар ноҳияҳои соҳили рости Амударё маълумоти муфид гирдоварӣ шудааст. Дар асари "Убайдуллоҳнома"-и Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ таърихи сиёсии Мовароуннаҳр аз замони ба сари тахт омадани Убайдуллоҳхон (17

октябри соли 1702) то вафоти ӯ (15 марти соли 1711) шарҳу тафсир мешавад. Дар "Ҷаҳонкушои Нодирӣ"-и Мирзо Маҳдихони Астарободӣ доир ба мубориза ва лашкаркашиҳои Нодиршоҳ, аз ҷумла ба Мовароуннаҳр, муҳосираи қалъаҳо ва воқеаҳои муҳими дигари таърихӣ маълумоти нодир дода шудааст.

Барои муайян кардани дурустӣ ва боэътимодии маълумоти «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ оид ба таърихи сиёсии аморати Бухорои нимаи аввали асри XIX унвонҷӯй аз асарҳои таърихии даврони манғитӣ, амсоли «Гулшану-л-мулк»-и Муҳаммад Яъқуб, «Тоҷу-т-таворих»-и Муҳаммадшариф ибн Муҳаммаднақӣ, "Таърихи Бухоро, Хуқанд ва Қошғар"-и Мирзо Шамси Бухорӣ, "Зафарномаи Хусравӣ", «Таърихи ҷанги амир Насруллоҳ ва Муҳаммадалии Хуқандӣ»-и Мирзо Шамсуддини Бухорӣ, «Мунтахабу-т-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон, "Ғароиби сипоҳ"-и Тоҷири Хуҷандӣ, "Кашкӯли Салимӣ»-и Мирзо Салимбек ва "Рисола ё мухтасаре аз таърихи салотини хонадони манғития"-и Аҳмади Дониш фаровон истифода кардааст.

**Алоқамандии мавзӯи рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос**. Диссертатсияи Абдулов Зиёдулло Назарович дар мавзӯи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи намунавии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

Натиҷаҳои асосҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар се мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, ба нашр расидаанд. Дар ин мақолаҳо андеша ва таҳлилҳои илмии муаллиф роҷеъ ба Мирзо Абдулазими Сомӣ ва асари ӯ «Туҳфаи шоҳӣ» нишон дода шудаанд:

1.Абдулов З. Н. Маъхази муътабар оид ба таърихи халқи тоҷики охири асри XIX ва аввали асри XX /З. Н. Абдулов //Муаррих.Историк.-2018.-3 (15).-С.112-124.

2. Абдулов З.Н. Инъикоси вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони Аштархониён тибқи манобеъи таърихӣ /З.Н.Абдулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019. -№10.-С.122-126.

3. Абдулов З. Н. Зикри салтанати амир Насруллоҳ дар "Туҳфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомӣ./З. Н. Абдулов //Паёми Донишкадаи забонҳо.-2020.-3(39).С.111.

Ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ Тоҷикистон қарор мекунад:

1.Диссертатсияи унвонҷӯй Абдулов Зиёдулло Назарович дар мавзӯи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи нишондиҳандаҳои Низомномаи КОА оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯй Абдулов Зиёдулло Назарович дар мавзӯи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ Тоҷикистон протоколи №2 аз 17 феврали соли 2021 қабул гардид.

Дар ҷаласа 9 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«Тарафдор» - 9 нафар;

«Зид» -нест;

«Бетараф» - нест.

**Мудири Шуъбаи таърихи қадим,**
**асрҳои миёна ва нави**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи А.Дониш**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳ. Ш. Камолов**

**Котиб** **М.Тоҷиева**

Имзои Ҳ.Ш. Камоловро тасдиқ менамоям.
Нозири калони ШК-и Институти таърих,
бостоншиносӣва мардумшиносии
ба номи А.Дониш Г.Файзуллоева